Оё медонед ғайбат чист?" Гуфтанд: Аллоҳ ва Паёмбараш огоҳтаранд. Гуфт: "Бародаратро ба ончи, ки дӯст надорад ёд кунӣ

Аз Абуҳурайра (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: "Оё медонед ғайбат чист?" Гуфтанд: Аллоҳ ва Паёмбараш огоҳтаранд. Гуфт: "Бародаратро ба ончи, ки дӯст надорад ёд кунӣ" Гуфтанд: агар ончи мегӯям дар бародарам бошад чӣ? Гуфт: "Агар ончи мегӯи дар ӯ бошад, ӯро ғайбат кардаи ва агар ончи мегӯи дар ӯ набошад бар ӯ тӯҳмат задаи". [Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) ҳақиқати ғайбати ҳаромро баён фармуда мегӯянд, ки он: зикр кардани як мусалмон дар ғоиб аз чизе, ки дӯст надорад аст, чи аз сифатҳои марбут ба тан ва чеҳраи ӯ бошад ва ё марбут ба равиш ва ахлоқи ӯ, ба монанди: кӯр, кӯтоҳ ва ё фиребгар ва дурӯғгӯ ва ё дигар хислатҳои нописанд, агарчи хислатҳои мазкур дар ӯ бошанд. Аммо агар сифатҳои мазкур дар ӯ набошад, пас он бадтар аз ғайбат аст, ки ба он бӯҳтон гуфта мешавад, яъне: тӯҳмат задан ба инсон ба ончи ки дар ӯ нест.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/5326